# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии **Ализода Нусратулло Убайдулло** дар мавзуи “Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 20 январи соли 2026, №17.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Нусратулло Убайдулло»**

Диссертатсияи **Ализода Нусратулло Убайдулло** дар мавзуи “Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз **10 октябри соли 2025, №17.1** ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Ализода Нусратулло Убайдулло** санаи 20-уми майи соли 1966 дар ҷамоати Куйбишев ноҳияи Коммунистӣ ҳозира (ҷамоати шаҳраки Бохтариёни ноҳияи Кушониён)-и вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёи таваллуд шудааст.

Солҳои 1973-1981 дар мактаби асосии №36 –и деҳаи Ҳалқаҷар синфи 8-умро бо баҳои хубу аъло хамт кардааст. Соли 1981 ҳуҷҷатҳои худро ба Омӯзишгоҳи педагогии ш. Қурғонтеппа ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ супорида, онро соли 1985 бо баҳои хубу аъло хатм намуда, бо дипломи муаллими синфҳои ибтидоӣ сазовор гаштааст (диплом ЭТ-I №808904).

Соли 1985 дар МТМУ №41 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ кору фаълоият намудааст. Аз соли 1985 то соли 1988 дар қувваҳои мусалаҳи флоти ҳарбӣ адои хизмат намудааст. Соли 1989 ҳуҷҷатҳои худро ба Университети педагогии шаҳри Душанбе ба номи Қандил Ҷураев ҳозира (ДДОТ ба номи С.Айнӣ) факултети география супорида, соли 1994 бо баҳои хубу аъло бо ихтисоси омӯзгори фанни география хатм менамояд (диплом ЭВ   №835369).

Дар МТМУ №36 деҳаи Ҳалқаҷар ба ҳайси омӯзгори фанни география ва синфҳои ибтидоӣ кору фаъолият намудааст. Соли 2002 дар озмуни ноҳиявии “**Муаллими сол**” иштирок намуда созовори ҷойи аввал

мегардад. Соли 2004 бо нишони “**Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон**” сазовор мегардад.

Аз соли 2010 ба ҳайси омӯзгори кафедраи Методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз фанни методикаи таълими география дарс гуфтааст. Аз соли 2019 роҳбари таҷрибаомӯзии педагогии факултет фаъолият намудааст.

Бо фармоиши №175 аз 27.05.2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиш қабул гардида, таҳти роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Санг Холназаров дар мавзуи **“Фаъолгардонии фаолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”** ба таҳқиқот машғул гардидааст.

**Ализода Нусратулло Убайдулло** оиладор ва соҳиби 5 фарзанд мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 13 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз он 6-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ташкил додаанд.

**Ализода Нусратулло Убайдулло** муҳокимаи рисолаи илмии худро дар ҷаласаи кафедраи педагогика аз 05.03.2025, №7 гузаронида аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Ализода Нусратулло Убайдулло** имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) санаи 07.02.2016 бо баҳои хуб, таърих ва фалсафаи илм санаи 10.03.2018 бо баҳои хуб ва Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот санаи 04.09.2025 бо баҳои хуб супоридааст.

Автореферати диссертатсия санаи 15-уми декабри соли 2025 мутобиқ ба реестр ирсол карда шуд.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз 12-уми ноябри соли 2025 ва дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми ноябри соли 2025 ҷойгир карда шудаанд.

Диссертатсия ва автореферати он аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матнҳо мутаносибан ба 85,39% (бо назардошти иқтибосҳо 90,01%) ва 94,82% (бо назардошти иқтибосҳо 96,04%)-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровварда шуда, дар парвандаи аттестатсионии ӯ маҳфузанд.

**Роҳбари илмӣ: Холназаров Санг** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва **муқаризони расмӣ: Бозоров Хушвахт**, доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва **Шарифиён Муқаддас Холиқзода**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ходими пешбари шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" ба диссертатсияи **Ализода Нусратулло Убайдулло** дар мавзуи "Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тақриз дода, онро бо имзоҳои раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психология Ғафурова Дилором Ҷаборовна, ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Наботов Юсуф Шоабдуллоевич ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ Садирова Ҷамила Шарифовна бо суратҷаласаи №5 аз 18.02.2025 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ аз 27.12.2025 тасдиқ карда аст.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Муаллиф метавонад самтҳои таҳқиқоти минбаъда оид ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намояд, то фаҳмиш дар бораи ин мафҳумҳо амиқтар карда шаванд ва роҳҳои муассиртари баланди фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян кунанд;

2. Муаллифи диссертатсия метавонист дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти худ бо муқоисаи таҷрибаҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла дар муҳити дигар минтақаҳои Тоҷикистон, кишварҳои дигар ё

заминаҳои алтернативӣ таваҷҷуҳ, карда, моҳият ва сатҳу сифати кори худро ғанитар гардонад;

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки онҳо бояд ислоҳ карда шаванд.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд мекунанд, ки эродҳои дарҷшуда, хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста нагардонида, баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Диссертант метавонад ин эродҳоро дар таҳқиқоти минбаъда барои боз ҳам пурратар ва васеътар фаро гирифтани таҳқиқот ба кор барад.

Ҳамин тавр, муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи **Ализода Нусратулло Убайдулло** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**6 номгӯйи мақолаҳои илмии** зерини довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

1. Алиев, Н.У. Таҳлили проблемаи фаъолгардонии маърифати мустақилонаи шахсият / Н.У. Алиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2018. - № 1/1 (51). - С. 68-75. ISSN 2309-6764.

2. Алиев, Н.У. Асосҳои назариявӣ-методологии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимӣ / Н. У. Алиев, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2018. - № ½ (53). – С. 78-85. ISSN 2309-6764.

3. Алиев, Н.У. Фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон ва омилҳои таъсиррасонии он дар раванди таълим / Н. У. Алиев, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - № 9. - С. 303-307. ISSN 2074-1847.

4. Ализода, Н.У. Роҳҳои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими география / Н. У. Ализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021. - № 1/2. - С. 157-160. ISSN 2663-5534.

5. Холназаров С., Ализода Н.У. Омилҳои ёрирасони истифодаи корҳои мустақилона дар фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав № 1/3. (137) – 2025. - С. 244-247. ISSN 2663-5534.

6. Ализода Н.У. Рушди фаъолгардонии фаъолияти таълимию маърифатии хонандагон дар раванди иҷрои корҳои мустақилона. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, №1/3. (137). - 2025. С. 355-359. ISSN 2663-5534.

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 аз номи шахсони зерин тақризҳои ғайрирасмӣ ба автореферати **Ализода Нусратулло Убайдулло** ворид шудаанд:

1. Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Шоҳиён Нуралӣ Набот**;
2. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Холбобоева Хосият.**
3. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи мошинҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Восидов Шамсиддин Юсупович**;

Ҳамаи 3 нафар муқарризони автореферати **Ализода Нусратулло Убайдулло** дар тақризи худ мубрамии таҳқиқот ва арзиши илмии онро тасдиқ намудаанд.

Ҳамин тавр, дар асоси 3 тақризи озоди пешниҳодгардида, маълум гардид, ки автореферати диссертатсияи **Ализода Нусратулло Убайдулло** дар мавзуи “Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002, аз 04 ноябри соли 2025, №17.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- пояҳои назариявии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳия карда шуд, ки муҳтавои он дархосту тақозои муосирро ба раванди омӯзишу парвариш инъикос менамояд;

- сохти муҳтавоӣ ва сохти вазифавии педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш таҳия карда шуд;

- низоми педагогии таҳия кардашуда маҷмуи робитаҳои сохторӣ ва функсионалии қисматҳои муайянкунандаи ягонагии мустаҳкам, мукаммале мебошанд, ки барои расидан ба аҳдоф ва вазоифи баланд бардоштани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона карда шудааст;

- асоснок карда шудааст, ки натиҷанокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таълимӣ аз амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад;

- омилҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд, муайян ва ҳамзамон дар бораи онҳо маълумот дода шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асосҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ, ки ақидаи аввалин, мақсад, вазифа, қонуният, принсипҳо, мазмун, технологияи амалӣ намудани ин равандро дар бар мегирад.

- низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки фаъолияти таълимӣ мебошад, роҳи инноватсионии амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогии раванди таҳқиқшавандаро кушода медиҳад.

- чунин низоми педагогӣ, ки аз маҷмуи сохтории ба ҳам алоқаманд ва қисматҳои функсионалию ягонагии мустаҳкамии том иборат аст ва мақсаду вазифааш баланд бардоштани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон мебошад.

- меъёрҳо (мотиватсионӣ–иродавӣ, тезчанголӣ ва раванднокӣ) ва нишондодҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ.

- маҷмуи шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки дар ин раванд истифода намудани имкониятҳои инноватсионии муассисаи таълимӣ, идораи раванди таълиму тарбия талаб дорад ва ҳоказоро дар бар мегирад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**

- маҷмуи шароитҳои педагогии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон, ки ба ташкил додани раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ имконият медиҳад, кор карда шуд;

- кӯшишу ғайрати хонандагон ҳангоми ташаккул додани салоҳиятнокӣ ба донишҳои устувори назариявӣ нигоҳ дошта шуд;

- дар раванди таълиму тарбия алоқаҳое, ки маҷмуи дониш ва анъанаҳои рушдёбандаи таълимӣ, политехникии ватанро ташкил медиҳанд, ҷой дода шуд;

- омилҳое, ки ба фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонад ва дар раванди таълиму тарбия ба ҳисобгириро талаб доранд, муайян карда шуданд;

- маводи диссертатсиониро омӯзгорон, методистон, кормандони соҳаи маориф, унвонҷӯён, магистрантон, бакалаврҳо метавонанд дар фаъолияти педагогӣ ва илмии худ васеъ истифода намоянд;

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** асоснокӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқиро пайдарпайӣ, асоснокӣ, яклухт будани он ва мухталиф набудани нуқтаи назари аввалаи назариявӣ-методологӣ, ки донишҳои гуногуни соҳаи донишро дарбар мегиранд (фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ ва ғайраҳо), нишон медиҳанд; муносибати низоми ба омӯзиши мавзуи таҳқиқот; гузаронидани таҳқиқот дар як вақт дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ; гуногунии сарчашмаҳои истифодашуда ва якдигарро пурра кардани маълумот; ҳаҷми зарурии интихоб; дуруст истифода намудани методҳои назариявӣ ва озмоишии таҳқиқот, монандии мақсадҳо ва вазифаҳо; мустаҳкамии такроршавии натиҷаҳо, ки бо методҳои математикӣ тасдиқ карда шудаанд; дурустии амалиёти оморӣ; чопи мақолаҳо дар нашрияҳои илмӣ-методӣ, тезисҳо, маърузаҳо дар конференсияҳо ва ғайра.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар ташкили таҳқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳо ва инчунин аз муайян кардани асосҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди низоми педагогӣ ва маҷмуи шароити педагогии фаъолгардонии  фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ, роҳбарӣ ба кори таҷрибавӣ - озмоишии он, коркарди низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон; таъмини ташкили илмӣ-методии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи  хонандагон иборат аст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ: конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият». «Таърихи омӯзиши проблемаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи шахсият» (15.09.2018), Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; Шурои илмӣ - дастурдиҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ» (08.11.2021) ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ-оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 05.03.2025, №7А муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти умумӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 13 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 20 январи соли 2026, №17.3 қарор қабул кард, ки ба **Ализода Нусратулло Убайдулло** дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дода шавад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар иштирок доштанд. Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар, аз онҳо 2 нафар доктори илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, иштирок доштанд. Овоздиҳӣ чунин натиҷагирӣ карда шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 12 нафар,
- муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест,
- бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор: Иззатова М.И.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Қурбонова У.Т.

20.01.2026

ҶМ